Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**Тақризи**

доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович ба автореферати диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)

Масъалаи иттилоот ва фаҳмиши фалсафии он солҳои охир ба яке аз мавзуҳои калидии фалсафӣ ва илми муосир мубаддал гардида, дар маркази таваҷҷуҳи олимону коршиносон карор дорад. Зеро яке аз хусусияти асосии таҳаввулоти илмию техникӣ ин тамоюли иттилоотонии ҷомеа мебошад, ки он дар навбати худ ҳаёту фаъолият ва тафаккуру арзишҳои инсониро дигаргун месозад. Дар фарҳангу тамаддуни муосир иттилоот ба нерӯи бузурги маънавӣ ва категорияи марказии илму маориф табдил ёфтааст. Гуфтан мумкин аст, ки иттилоот ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам мубаддал гаштааст ва бе фаҳмиши моҳияти асосии он тасаввуроти мо нисбати воқеият ботил ва ғалат менамоянд.

Ҷомеаи имрӯза ҳамчун ҷомеаи иттилоотӣ, ҷомеаи дониш (ҷомеаи ба дониш асосёфта), ҷомеаи пассоноатӣ ва дигар унвонҳо ном бурда мешавад. Таҷрибаи рӯзгор ва дониши одамон нисбат ба ҳаводиси муҳити атроф дар ҳамбастагӣ ба коркард ва азхудкунии иттилоот рушд меёбад, ки раванди мазкур ба ташаккулёбии инфосфера оварда расонидааст. Имрӯз иттилоот ба ғизои бисёрталаби иҷтимоӣ мубаддал гардидааст. Бо вуҷуди ин, одамон ҳангоми фаъолияти хеш бо низомҳои иттилоотӣ бо мушкилоти гуногун дучор мегарданд. Масалан, вожаи «иттилоот» дар фаҳмиши муқаррарӣ ба ҳар кас фаҳмост, сарфи назар, аксари одамон ҳангоми тавсиф ва фаҳмиши он ба мушкилиҳои зиёди методологӣ ва гносеологӣ дучор мегарданд. Вобаста ба ин, омӯзиши масъалаи интихобшудаи диссертант Камолов Ш.В. дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» яке аз масъалаҳои муҳиму мубрами назариявию амалӣ ва методологидоштаи фалсафа ва илми муосирро ташкил медиҳад.

Диссертант дар доираи таҳқиқот вазифаҳои таҳлили генезиси таърихӣ-фалсафии мафҳуми иттилоот, шарҳи мафҳуми иттилоот дар

доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ, омӯзиши масъалаи гурӯҳбандӣ ва банизомдарории равишҳои асосӣ дар тавсифи чунин падидаи бисёрмаъно, яъне иттилоот, муайян намудани таносуби дониш ва иттилоот, муайян намудани таъсири воқеияти иттилоотӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон, таҳлили хусусиятҳои асосии ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ, баҳодиҳии нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистонро масъалагузорӣ намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ба он асос меёбад, ки диссертант дар дар доираи фалсафа ва илми ватанӣ бори аввал масъалаи иттилоот ҳамчун омили муҳими ҷаҳонбинии муосири илмӣ, таъсири омили афзоиши иттилоотӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси иҷрои вазифаҳои мушаххаси гузошташуда ба натиҷаҳои муайяни илмӣ ноил гардидааст.

Дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуъ васеъ ба назар расида, диссертант ҳангоми омӯзиш ба доираи таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ диққати зиёд додааст. Интишороти муаллиф ба мазмуну муҳтавои кор алоқаманд буда, натиҷаҳои муҳими илмии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Сохтори таҳқиқот  аз муқаддима, се фасл, ҳашт зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи автореферат мубрамӣ, дараҷаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ нишон дода шудаанд.

Дар боби якум «Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот» диссертант таҳлили масъалаҳои генезиси таърихӣ-фалсафӣ ва таҳаввули тасаввуроти тоилмӣ оид ба мафҳуми иттилоот, шарҳи мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ, тамоюлҳои асосӣ дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми иттилоотро ба амал баровардааст. Дар ин замина, хулосаи зерини муаллиф ҷолиби диққат мебошад: “Иттилоот хосияти умумии материя, тамоми сарчашмаҳои мавҷудаи нахустсабабҳои ҳаводис ва равандҳо дар микро, макро ва мегасохторҳои Олам мебошад. Аз ин бармеояд, ки иттилоот хосияти умумии Олам, дар ҳама дараҷаҳои он (микро, макро, мега) ва дар ҳама намуди низомҳо (зинда, ғайризинда, иҷтимоӣ, кибернетикӣ) мебошад. Он дорои хосиятҳои беохирӣ, абадият, ҳамаҷоӣ мебошад” (саҳ. 18).

Дар боби дуюм «Иттилоот ҳамчун омили муҳими ҷаҳонбинии илмӣ» диссертант масъалаҳои тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар

шароити воқеияти иттилоотӣ, таносуби иттилоот ва дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмиро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки "...имрӯз иттилоот ба ғизои бисёрталаби иҷтимоӣ мубаддал гардидааст. Ҳамзамон бо рушди технологияҳои иттилоотӣ худи характери инсон, хусусиятҳои равонии ӯ низ тағйир ёфта, ҳаёти имрӯзаи инсонро бе иҳота ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тасаввур намудан номумкин аст" (саҳ. 19). Инчунин дар натиҷаи таҳқиқи таъсири омили афзоиши иттилоотӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон ва шабеҳияти иттилooту дониш андешаҳои зерини муаллиф қобили дастгирӣ мебошанд: "...буҳрони иттилоотӣ ва ҳаҷми иттилооти афзоянда метавонад ба дигагунии сохт ва ҳаҷми майнаи инсон, ҳатто ба сакта (инсульт)-и зеҳнӣ – ҳолати кундзеҳнӣ аз ниҳоят барзиёдии иттилоот ва дониш бурда расонад". "Тавсифи ягонаи иттилоот ва дониш то ҳол дар илм коркард нашудааст, гарчанде миёни онҳо робитаи бо ҳам чуқури диалектикӣ ва баҳамгузаришӣ мавҷуд аст, ки баъзан ин мафҳумҳо дар таҷрибаи ҳаррӯзаи мо шабеҳ карда мешаванд. Аз таҳқиқи густурдаи масъала бармеояд, ки дониш ба шуур марбут аст, дар ҳоле ки иттилоот ба низомҳои табиии бешуур низ хос мебошад". "Имрӯз иттилоот дар қатори мафҳумҳои бунёдии олам – материя ва энергия маҳаки ҷаҳонбинии муосири илмиро ташкил медиҳад" (саҳ. 20-21).

Дар боби сеюм «Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои таъсири иттилооткунонии ҷомеаи муосир ба дигаргуншавии фаъолияти инсонӣ, тарзи тафаккур ва низоми арзишҳо, зарурати даст кашидан аз ҷаҳонфаҳмии кӯҳна ва дар асоси донишҳои нави муосири илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ, технологӣ, астрофизикӣ ва ғайра бунёди фаҳмиши нави фалсафӣ ва манзараи нави илмии олам, ташаккули «ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ» матраҳ гардидаанд. Ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро асоснок намуда, одилона қайд менамояд: "Фаҳмиши нақши муайянкунандаи иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ дар ҳаводиси табиат, дар ҳаёти ҷомеа ва дар фаъолияти худи инсон сифати нави ҷаҳонбинии одамонро ташкил медиҳад. Чунин шакли фаҳмиш бунёди манзараи томи оламро, ки ба дарки пурраи муҳити иттилоотии тағйирёбанда ва нақши инсон дар он ҷавобгӯ мебошад, фаро мегирад" (саҳ. 22). Нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотиро дар ташаккули маърифати ҷавонони тоҷик муҳим арзёбӣ намуда, воқеъбинона қайд менамояд: "Ҷавонони муосир имрӯз бояд на танҳо қобилияти истифодабарии иттилоотро дошта бошанд, балки дар онҳо бояд «ҷаҳонбинии иттилоотӣ» моҳиятан ва мазмунан ташаккул ёбад, фаҳмиши мақоми худ ва маънии зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ дуруст инкишоф ёбад. Ҳамин тариқ, ташаккули «ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои ҳаётӣ, арзишҳои

шинохта, фаҳмиши нақш ва масъулияти фардро дар назди ҷомеа дар қарни рушди бошиддати иттилоотӣ дарбар гирифтааст” (саҳ. 23).

Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои диссертант аҳамияти баланди бунёдӣ ва илмӣ дошта, татбиқ ва истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо автореферати диссертатсия аз камбудиҳо орӣ намебошад. Аз ҷумла, дар автореферат камбудиҳое ҷой доранд, ки бештар хислати техникӣ ва услубӣ доранд. Аммо, аҳамияти илмии диссертатсияро кам намекунанд, зеро дар автореферат ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот дуруст муайян шуда, муаллиф ба натиҷаҳои асосноки илмӣ даст ёфтааст.

Автореферат фишурдаи диссертатсия буда, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С.Осимӣ Раҳимов М.Ҳ.

Имзои д.и. фалсафа, профессор,
Раҳимов М.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи М.С. Осимӣ Шарипова Д.